**АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир-33, тел./факс: (99237) 2211249; 2248981; 2240274
Сомона: www.ahd.tj, почтаи электронӣ: info 07-@ahd.tj


**№ 04-2935 аз «21» декабри соли 2021**

**Ба №__________ аз «____» ______________ соли 20__**

Вазорату идораҳо
(тибқи рӯйхат)

Мавзӯъ: Дар бораи пешниҳоди лоиҳаи қарор барои мувофиқа

Бо арзи эҳтиром иттилоъ медиҳем, ки аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2020, №411 «Дар бораи эъломия оид ба андоз аз даромад» дар асоси дастурҳои муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 майи соли 2021, №14541(23-3) ва аз 21 июни соли 2021, №14767(23-5) вобаста ба раванди таҳияи лоиҳаи санадҳои зерқонуние, ки бояд дар заминаи лоиҳаи Кодекси андоз таҳия гарданд, бо мақсади мутобиқ намудани қарори мазкур ба талаботи Кодекси андоз таҳия карда шудааст.

Лоиҳаи мазкур мувофиқи моддаи 62 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» такроран барои баррасӣ ба Шумо ирсол карда мешавад.

Хоҳишмандем, баррасӣ ва хулосаи худро дар муҳлатҳои муқаррargardида пешниҳод намоед.

Замима: Лоиҳаи қарори мазкур бо забонҳои тоҷикию русӣ ва асосноккунии он дар 5 саҳифа.

Бо эҳтиром,
директори Агентӣ — Давлатов Ҷ.М.

Лоиҳа

# ҚАРОРИ
# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2020, №411»

Мутобиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Дар муқаддимаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2020, №411 «Дар бораи эъломия оид ба андоз аз даромад» рақами «156» ба рақами «241» иваз карда шавад.

2. Ба Тартиби пур кардан ва пешниҳод намудани эъломия оид ба андоз аз даромад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2020, №411 «Дар бораи эъломия оид ба андоз аз даромад» тасдиқ карда шудааст, тағйироти зерин ворид карда шаванд:

- банди 4 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«4. Эъломия оид ба андоз аз даромад шакли варақае мебошад, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, эъломиякунанда вобаста ба ҳар як манбаи даромади худ маълумотҳоро оид ба маблағи андози пардохтшуда ворид менамояд»;

- банди 6 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«6. Роҳбарони мақомот ё ташкилотҳои давлатӣ, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бо розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин карда мешаванд, эъломия оид ба андоз аз даромади худро дар якҷоягӣ бо эъломия оид ба вазъи молумулкии худ баъди хонапурӣ намудан дар шакли электронӣ ё қоғазӣ ба мақомоти андози маҳалли истиқомат пешниҳод карда, шакли коғазии онҳоро бо тасдиқномаи мақомоти андоз дар бораи қабули эъломия оид ба андоз аз даромади худ  ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба раиси шаҳр ё ноҳияи дахлдор пешниҳод менамоянд. Дигар эъломиякунандагон эъломия оид ба андоз аз даромади худро бо ҳамин тартиб ба мақомоти андози маҳалли истиқомат, мақомот ё ташкилотҳои давлатии ҷойи кор пешниҳод мекунанд»;

- дар муқаддимаи банди 10 калимаҳои «уҳдадор аст» ба калимаи «уҳдадоранд» иваз карда шаванд;

- дар сархати сеюми банди 10 калимаи «барад» ба калимаи «баранд» иваз карда шавад;

- дар бобҳои 2, 3, 4, 5 бандҳои 2-13 мувофиқан бандҳои 3-14 ҳисобида шаванд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

ЦФЮнкалсб
201221 (САИД)

Проект

# П О С Т А Н О В Л Е Н И Е

# ПРАВИТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

«О внесении изменений в постановление Правительства Республики Таджикистан от 24 июля 2020 года, №411»

В соответствии со статьей 56 Закона Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» Правительство Республики Таджикистан п о с т а н о в л я е т:

1. В преамбуле постановления Правительства Республики Таджикистан от 24 июля 2020 года, №411 «О декларации по подоходному налогу» цифру «156» заменить цифрой «241».

2. В Порядке заполнения и представления декларации по подоходному налогу, который утвержден постановлением Правительства Республики Таджикистан от 24 июля 2020 года, №411 «О декларации по подоходному налогу» внести следующие изменения:

- пункт 4 изложить в следующей редакции:

«4. Декларация по подоходному налогу-это форма бланка, утвержденного Правительством Республики Таджикистан, в который декларант вносит сведения об уплаченной сумме налога по каждому источнику своего дохода»;

- пункт 6 изложить в следующей редакции:

«6. Руководители государственных органов или организаций, назначаемые на должность Президентом Республики Таджикистан, Правительством Республики Таджикистан или с согласия Президента Республики Таджикистан, свою декларацию по подоходному налогу с декларацией об имущественном положении, после заполнения в электронном или бумажном виде представляют в налоговые органы места жительства и их бумажные формы с письменным подтверждением налогового органа о принятии декларации по подоходному налогу в Исполнительный аппарат Президента Республики Таджикистан, а руководители органов самоуправления посёлков и сёл председателю соответствующего города или района. Другие декларанты свою декларацию по подоходному налогу представляют таким же порядком в налоговые органы места жительства, в государственные органы или организации места работы.»;

-пункты 2-13 глав 2, 3, 4, 5 считать соответственно пунктами 3-14.

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан

Юфанайёх
20.12.21 (АГС)

# МАЪЛУМОТНОМАИ

асосноккунии лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2020, №411»

Лоиҳаи қарори мазкур аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи дастурҳои муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 майи соли 2021, №14541 (23-3) ва аз 21 июни соли 2021, №14767 (23-3) вобаста ба раванди таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии зерқонуние, ки дар заминаи лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав бояд таҳия гарданд, бо мақсади мутобиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2020, №411 «Дар бораи эъломия оид ба андоз аз даромад» ба талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Ҳамчунин таҷрибаи эъломиякунонии хизматчиёни давлатӣ барои соли 2020 муайян намуд, ки барномаи электронии Кумитаи андоз пеш аз қабули эъломия оид ба андоз аз даромад аввал эъломия оид ба вазъи молумулкиро дархост менамояд. Вале ин тартиб дар қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2020, №411 «Дар бораи эъломия оид ба андоз аз даромад» ва аз 24 июли соли 2020, №412 «Дар бораи эъломия оид ба вазъи молумулкӣ» пешбинӣ нашудааст.

Дар робита ба ин дар лоиҳа ҳолатҳои зикргардида танзими худро ёфтаанд. Аз ҷумла, дар муқаддимаи қарори мазкур бо дарназардошти дар таҳрири нав қабул шудани Кодекси андоз рақами «156» ба рақами «241» иваз карда шудааст.

Инчунин бо мақсади танзими раванди эъломиякунонӣ дар барномаи электронии Кумитаи андоз банди 6 Тартиби мазкур дар таҳрири нави зерин ифода гардидааст:

«6. Роҳбарони мақомот ё ташкилотҳои давлатӣ, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бо розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин карда мешаванд, эъломия оид ба андоз аз даромади худро дар якҷоягӣ бо эъломия оид ба вазъи молумулкии худ баъди хонапурӣ намудан дар шакли электронӣ ё қоғазӣ ба мақомоти андози маҳалли истиқомат пешниҳод карда, шакли коғазии онҳоро бо тасдиқномаи мақомоти андоз дар бораи қабули эъломия оид ба андоз аз даромади худ ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба раиси шаҳр ё ноҳияи дахлдор пешниҳод менамоянд. Дигар эъломиякунандагон эъломия оид ба андоз аз даромади худро бо ҳамин тартиб ба мақомоти андози маҳалли истиқомат, мақомот ё ташкилотҳои давлатии ҷойи кор пешниҳод мекунанд»;

Лоиҳаи мазкур ҷиҳати баррасӣ ва пешниҳоди хулоса ба Маҷлиси намояндагон, Суди Олӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Агентии омор, Прокуратураи генералӣ, вазоратҳои адлия, молия, рушди иқтисод ва савдо, мудофиа, нақлиёт, кумитаҳои давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, идораи замин ва геодезӣ, Агентии

стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо, кумитаҳои кор бо занон ва оила, бехатарии озуқаворӣ, забон ва истилоҳот, дин, танзими анъана ва ҷашну маросим, баъзе мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ирсол карда шуд.

Лоиҳаи мазкурро Маҷлиси намояндагон, Суди Олӣ, Прокуратураи генералӣ, Агентии омор, вазоратҳои меҳнат муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, мудофиа, нақлиёт, кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо, кумитаҳои бехатарии озуқаворӣ, забон ва истилоҳот, дин, танзими анъана ва ҷашну маросим, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳои Суғд, Хатлон, шаҳри Душанбе, Турсунзода ва ноҳияи Рашт пурра дастгирӣ намудаанд.

Пешниҳоди Вазорати адлия оид ба таҷдиди назар намудани банди 4 дар таҳрири нав пешниҳодшаванда ба инобат гирифта, сархати мазкур такмил дода шуд.

Пешниҳоди дигари Вазорати адлия оид ба таҷдиди назар намудани сархати панҷуми банди 1 дар таҳрири нав пешниҳодшаванда ба инобат гирифта, сархати мазкур ҳамчунин бо назардошти хулосаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия аз лоиҳа хориҷ карда шуд.

Пешниҳоди Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ дар хусуси дар сархати дуюми банди 2 лоиҳа баъд аз калимаҳои «даромадҳоро ворид ва» илова кардани калимаҳои «ба мақомоти давлатӣ ё ташкилотҳои давлатии ҷойи кор» ба инобат гирифта шуда, сархати мазкур такмил дода шуд.

Ҳангоми таҳияи лоиҳа муайян карда шуд, ки дар қонунгузорӣ мафҳумҳои эъломиякунонӣ бо шаклҳои гуногун ифода ёфтаанд. Масалан, дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ибораҳои «Эъломия оид ба андоз аз даромад» пешбинӣ гардидааст. Дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ифодаи «Эъломиякунонии даромадҳо ва вазъи молумулкӣ», дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» ифодаи «Эъломия дар бораи даромадҳо ва вазъи молумулкӣ, оид ба вазъи молумулкӣ ва оид ба даромад» пешбинӣ гардидаанд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ифодаи «Эъломиякунонии даромадҳо ва вазъи молумулкӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ифодаҳои «Дар бораи манбаъҳои даромади иловагӣ» ва «Эъломиякунонии андоз аз даромад ва вазъи молумулкӣ» пешбинӣ шудаанд.

Агентии хизмати давлатӣ бо мақсади дар шакли ягона пешбинӣ кардани мафҳумҳои эъломиякунонӣ дар лоиҳаи қарори мазкур ифодаи «Эъломия оид ба андоз аз даромад»-ро пешбинӣ карда, лоиҳаҳои тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ»-ро бо мақсади таъмини ягонагии мафҳумҳо таҳия намудааст, ки дар минбаъда барои баррасии вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод карда мешаванд.

Қабули лоиҳаи қарори мазкур аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Бо назардошти асосҳои нишондодашуда лоиҳаи такмилдодашуда такроран ба баррасии вазорату идораҳо пешниҳод карда мешавад.

Замима: Лоиҳаи қарор бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ, асосноккунии он, дар___саҳифа.

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

# АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир-33, тел./факс: (99237) 2211249; 2248981; 2240274
Сомона: www.ahd.tj, почтаи электронӣ: info 07-@ahd.tj

**№ 04-2934 аз «21» декабри соли 2021**

**Ба №__________ аз «____» ______________соли 20__**

Вазорату идораҳо
(тибқи рӯйхат)

Мавзӯъ: Дар бораи пешниҳоди лоиҳаи қарор барои мувофиқа

Бо арзи эҳтиром иттилоъ медиҳем, ки аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2020, №412 «Дар бораи эъломия оид ба вазъи молумулкӣ» дар асоси дастурҳои муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 майи соли 2021, №14541(23-3) ва аз 21 июни соли 2021, №14767(23-5) вобаста ба раванди таҳияи лоиҳаи санадҳои зерқонуние, ки бояд дар заминаи лоиҳаи Кодекси андоз таҳия гарданд, бо мақсади мутобиқ намудани қарори мазкур ба талаботи Кодекси андоз таҳия карда шудааст.

Лоиҳаи мазкур мувофиқи моддаи 62 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» такроран барои баррасӣ ба Шумо ирсол карда мешавад.

Хоҳишмандем, баррасӣ ва хулосаи худро дар муҳлатҳои муқарраргардида пешниҳод намоед.

Замима: Лоиҳаи қарори мазкур бо забонҳои тоҷикию русӣ ва асосноккунии он дар 5 саҳифа.

Бо эҳтиром,
директори Агентӣ

Давлатов Ҷ.М.

Лоиҳа

# ҚАРОРИ
# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2020, №412»

Мутобиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Дар муқаддимаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2020, №412 «Дар бораи эъломия оид ба вазъи молумулкӣ» рақам ва калимаҳои «Мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия,» ба калимаҳо ва рақами «Бо мақсади амалисозии моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» ва калимаи «ва» ба калимаҳои «ва мувофиқи» иваз карда шаванд.

2. Ба Тартиби пур кардан ва пешниҳод намудани эъломия оид ба вазъи молумулкӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2020, №412 «Дар бораи эъломия оид ба вазъи молумулкӣ» тасдиқ карда шудааст, тағйироти зерин ворид карда шаванд:

- банди 7 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«7. Эъломия оид ба вазъи молумулкӣ шакли варақае мебошад, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, эъломиякунанда маълумот вобаста ба молу мулк ва уҳдадориҳои хусусияти молиявидоштаи худро бо тартиби пешбининамудаи варақаи эъломия оид ба вазъи молумулкӣ ворид мекунад.»;

- банди 9 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«9. Роҳбарони мақомот ё ташкилотҳои давлатӣ, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бо розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин карда мешаванд, эъломия оид ба вазъи молумулкии худро дар якҷоягӣ бо эъломия оид ба андоз аз даромади худ баъди хонапурӣ намудан дар шакли электронӣ ё қоғазӣ ба мақомоти андози маҳалли истиқомат пешниҳод карда, шакли коғазии онҳоро бо тасдиқномаи мақомоти андоз дар бораи қабули эъломия оид ба андоз аз даромади худ ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба раиси шаҳр ё ноҳияи дахлдор пешниҳод менамоянд. Дигар эъломиякунандагон эъломия оид ба вазъи молумулкии худро бо ҳамин тартиб ба мақомоти андози маҳалли истиқомат, мақомот ё ташкилотҳои давлатии ҷойи кор пешниҳод мекунанд.»;

-дар сархати дуюми банди 13 калимаи «барад» ба калимаи «баранд» иваз карда шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

Шфотиматх
201221 (АХД)

Проект

# П О С Т А Н О В Л Е Н И Е

# ПРАВИТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

«О внесении изменений в постановление Правительства Республики Таджикистан от 24 июля 2020 года, №412»

В соответствии со статьей 56 Закона Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» Правительство Республики Таджикистан п о с т а н о в л я е т:

1. В преамбуле постановления Правительства Республики Таджикистан от 24 июля 2020 года, №412 «О декларации об имущественном положении» цифру и слова «В соответствии со статьей 8 Закона Республики Таджикистан «О борьбе с коррупцией,» заменить цифрой и словами «В целях реализации статьи 21 Закона Республики Таджикистан «О противодействии коррупции» и слово «и» словами «и в соответствии со».

2.В Порядке заполнения и представления декларации об имущественном положении, который утвержден постановлением Правительства Республики Таджикистан от 24 июля 2020 года, №412 «О декларации об имущественном положении» внести следующие изменения:

- пункт 7 изложить в следующей редакции:

«7. Декларация об имущественном положении-это форма бланка, утвержденного Правительством Республики Таджикистан, в который декларант вносит сведения о своем имущественном положении и обязательствах финансового характера в предусмотренном бланком об имущественном положении порядке.»;

- пункт 9 изложить в следующей редакции:

«9. Руководители государственных органов или организаций, назначаемые на должность Президентом Республики Таджикистан, Правительством Республики Таджикистан или с согласия Президента Республики Таджикистан, свою декларацию об имущественном положении с декларацией по подоходному налогу, после заполнения в электронном или бумажном виде, представляют в налоговые органы места жительства и их бумажные формы с письменным подтверждением налогового органа о принятии его декларации по подоходному налогу в Исполнительный аппарат Президента Республики Таджикистан, а руководители органов самоуправления посёлков и сёл председателю соответствующего города или района. Другие декларанты свою декларацию об имущественном положении представляют таким же порядком в налоговые органы места жительства, государственные органы или организации места работы.».

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан

# МАЪЛУМОТНОМАИ

асосноккунии лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2020, №412»

Лоиҳаи қарори мазкур аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи дастурҳои муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 майи соли 2021, №14541 (23-3) ва аз 21 июни соли 2021, №14767 (23-3) вобаста ба раванди таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии зерқонуние, ки дар заминаи лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав бояд таҳия гарданд, бо мақсади мутобиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2020, №412 «Дар бораи эъломия оид ба вазъи молумулкӣ» ба талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» таҳия гардидааст.

Ҳамчунин таҷрибаи эъломиякунонии хизматчиёни давлатӣ барои соли 2020 муайян намуд, ки барномаи электронии Кумитаи андоз пеш аз қабули эъломия оид ба андоз аз даромад аввал эъломия оид ба вазъи молумулкиро дархост менамояд. Вале ин тартиб дар қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2020, №411 «Дар бораи эъломия оид ба андоз аз даромад» ва аз 24 июли соли 2020, №412 «Дар бораи эъломия оид ба вазъи молумулкӣ» пешбинӣ нашудааст.

Дар робита ба ин дар лоиҳа ҳолатҳои зикргардида танзими худро ёфтаанд.

Дар муқаддимаи лоиҳаи қарори мазкур номи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди корупсия» ба номи нави «Дар бораи муқовимат ба корупсия» иваз карда шудааст.

Инчунин бо мақсади раванди эъломиякунонӣ дар барномаи электронии Кумитаи андоз банди 9 Тартиби мазкур дар таҳрири нави зерин ифода гардидааст:

«9. Роҳбарони мақомот ё ташкилотҳои давлатӣ, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бо розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин карда мешаванд, эъломия оид ба вазъи молумулкии худро дар якҷоягӣ бо эъломия оид ба андоз аз даромади худ баъди хонапурӣ намудан дар шакли электронӣ ё қоғазӣ ба мақомоти андози маҳалли истиқомат пешниҳод карда, шакли коғазии онҳоро бо тасдиқномаи мақомоти андоз дар бораи қабули эъломия оид ба андоз аз даромади худ ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба раиси шаҳр ё ноҳияи дахлдор пешниҳод менамоянд. Дигар эъломиякунандагон эъломия оид ба вазъи молумулкии худро бо ҳамин тартиб ба мақомоти андози маҳалли истиқомат, мақомот ё ташкилотҳои давлатии ҷойи кор пешниҳод мекунанд».

Лоиҳаи мазкур ҷиҳати баррасӣ ва пешниҳоди хулоса ба Маҷлиси намояндагон, Суди Олӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Агентии омор, Прокуратураи генералӣ, вазоратҳои адлия, молия, рушди иқтисод ва савдо, мудофиа, нақлиёт, кумитаҳои давлатии

сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, идораи замин ва геодезӣ, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо, кумитаҳои кор бо занон ва оила, бехатарии озуқаворӣ, забон ва истилоҳот, дин, танзими анъана ва ҷашну маросим, баъзе мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ирсол карда шуд.

Лоиҳаи мазкурро Маҷлиси намояндагон, Суди Олӣ, Прокуратураи генералӣ, Агентии омор, вазоратҳои меҳнат муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, мудофиа, нақлиёт, кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо, кумитаҳои бехатарии озуқаворӣ, забон ва истилоҳот, дин, танзими анъана ва ҷашну маросим, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳои Суғд, Хатлон, шаҳри Душанбе, Турсунзода ва ноҳияи Рашт пурра дастгирӣ намудаанд.

Пешниҳоди Вазорати адлия оид ба таҷдиди назар намудани банди 7 дар таҳрири нав таҳиягардида ба инобат гирифта шуда, сархати мазкур такмил дода шуд.

Дар як вақт пешниҳоди дигари Вазорати адлия оид ба таҷдиди назар намудани сархати панҷуми банди 1 дар таҳрири нав пешниҳодшаванда ба инобат гирифта, сархати мазкур ҳамчунин бо назардошти хулосаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия аз лоиҳа хориҷ карда шуд.

Пешниҳоди Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ дар хусуси дар сархати дуюми банди 2 лоиҳа баъд аз калимаҳои «даромадҳоро ворид ва» илова кардани калимаҳои «ба мақомоти давлатӣ ё ташкилотҳои давлатии ҷойи кор» ба инобат гирифта шуда, сархати мазкур такмил дода шуд.

Пешниҳоди Вазорати молия вобаста ба таҷдиди назар намудани банди 9 лоиҳа ба инобат гирифта, банди мазкур такмил дода шуд.

Ҳамчунин пешниҳоди Кумитаи андоз дар хусуси дар таҳрири нав ифода кардани сархати 2 банди 2 лоиҳа ба инобат гирифта шуд.

Бо пешниҳоди Кумитаи кор бо занон ва оила дар банди 1 лоиҳа калима ва рақами «рақами 57» хориҷ гардид.

Ҳангоми таҳияи лоиҳа муайян карда шуд, ки дар қонунгузорӣ мафҳумҳои эъломиякунонӣ бо шаклҳои гуногун ифода ёфтаанд. Масалан, дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон иборахои «Эъломия оид ба андоз аз даромад» пешбинӣ гардидааст. Дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ифодаи «Эъломиякунонии даромадҳо ва вазъи молумулкӣ», дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» ифодаи «Эъломия дар бораи даромадҳо ва вазъи молумулкӣ, оид ба вазъи молумулкӣ ва оид ба даромад» пешбинӣ гардидаанд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ифодаи «Эъломиякунонии даромадҳо ва вазъи молумулкӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ифодаҳои «Дар бораи манбаъҳои даромади иловагӣ» ва «Эъломиякунонии андоз аз даромад ва вазъи молумулкӣ» пешбинӣ шудаанд.

Агентии хизмати давлатӣ бо мақсади дар шакли ягона пешбинӣ кардани мафҳумҳои эъломиякунонӣ дар лоиҳаи қарори мазкур ифодаи «Эъломия оид ба вазъи молумулкӣ»-ро пешбинӣ карда, лоиҳаҳои тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ»-ро бо мақсади таъмини ягонагии мафҳумҳо таҳия намудааст, ки дар минбаъда барои баррасии вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод карда мешаванд.

Қабули лоиҳаи қарори мазкур аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Бо назардошти асосҳои нишондодашуда лоиҳаи такмилдодашуда такроран ба баррасии вазорату идораҳо пешниҳод карда мешавад.

Замима: Лоиҳаи қарор бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ, асосноккунии он, дар___саҳифа.

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон